*«Тоҷикистони Советӣ»*, No 116,
*21 майи 1974, с. 3.*

## Ленинград ва Тоҷикистон

Ленинград яке аз шаҳрҳои қодир ва зеботарини ҷаҳон мебошад, ки бо як қатор хусусияту анъанаҳои неки худ машҳури олам гардидааст.

Ақидаҳои озодихоҳӣ ва револютсионии халқи меҳнаткаши рус дар ҳамин шаҳр пайдо шуда, дар байни омма реша давондаанд. Нахустин бор дар таърихи одаму олам Револютсияи Кабири Сотсиалистӣ дар Петербург ба амал омада, тавассути бонги «Аврора» аз оғози сохти нави сотсиалистӣ, аз музаффарияти оммаи беҳуқуқи заҳматкаш мужда дод. Петроградро, ки ба он дар соли вафоти доҳӣ номи Ленини муаззам дода шуд, гаҳвораи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр номиданд. Ин шаҳри азимро боргоҳи ҳамаи инқилобҳои сиёсиву иқтисодӣ, илмӣ ва маданиву техникии асри XX шумурдан равост.

Фаъолияти В.И. Ленин бо Петербург - Петроград - Ленинград алоқаи узвӣ дорад. Ҳоло 270 нуқтаи ин шаҳр ҳамчун нуқтаҳои таърихии ёдгории Ленин нигоҳ дошта мешавад.

Нафаси гарми Ленинградро Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳам хуб ҳис кардааст. Чӣ дар солҳои Револютсияи халқии Бухоро, чӣ дар давраи ҷангҳои гражданӣ ва сохтмони сотсиалистӣ ва чӣ дар инкишофи минбаъдаи ҳаёти иқтисодию маданӣ ва илмии халқи тоҷик ленинградиён фаъолона иштирок карда, кӯмаки бародаронаи худро барои иникшофи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон дареғ надоштанд. Олимони ленинградӣ Ферсман, Вернадский, Наливкин, Шербаков, Козлов, Олденбург, Павловский, Биковский ва даҳҳо дигарон дар омӯзиши

Тоҷикистон ва пешрафти илму маданияти он бавосита хизмат намудаанд.

Академик И.Ю. Крачковский, Академик В.В. Струве, Аъзо-корреспонденти Академияи Фанҳои СССР А.Ю. Якубовский дар омӯзиши адабиёту маданияти халқҳои Шарқ, аз ҷумла тоҷикон хизматҳои бузурге кардаанд. Аъзо-корреспонденти Академияи Фанҳои СССР Е.Э. Бертелс тамоми умр бо тадқиқи адабиёти классикии тоҷик машғул шудааст.

Ленинградро мактаби илму маданияти муосири тоҷик шумурдан мумкин аст. Бисёр муаррихон, санъатшиносон, забоншиносону адабиётшиносони тоҷик дар донишкадаҳои Ленинград таҳсил карда, маълумоти олии соҳавӣ ҳосил кардаанд ва дар худи ҳамин ҷо соҳиби унвонҳои илмӣ гардидаанд.

Дар ҳаёти мадании имрӯзаи мо санъати балет мавқеи басо муҳиммеро ишғол менамояд. Сазовори таъкид аст, ки дар арсаи маданияти умумиҷаҳонӣ халқи тоҷик беш аз ҳама бо санъати балет машҳур гардида истодааст. Артистони боистеъдоди балети тоҷик бошанд, асосан дастпарварони омӯзишгоҳ мактабҳои хореографии Ленинград мебошанд. Балеринаи номдори замон, Артисткаи Халқии СССР, лауреати конкурсҳои байналхалқии рақсҳои балет Малика Собирова, ҳунарпешагони моҳир Музаффар Бурҳонов ва Сталина Азаматова ва дигарон дар Ленинград, аз устодони омӯзишгоҳи хореографии ба номи Ваганова таълим гирифтаанд.

Солҳои сиюм дар Ленинград шуъбаи Нашриёти давлатии Тоҷикистон таъсис ёфта буд, ки дар он як қатор асарҳои тоҷикии бадеӣ, илмӣ, дарсӣ ва ғайра чоп шудаанд. Дар шуъбаи Ленинград Ҳаким Карим, Ҳабиб Аҳрорӣ барин ходимони адабиёту матбуот кор кардаанд.

Дар солҳои пуртаҳлукаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар қатори русҳову украинҳо, озарбойҷониву гурҷиҳо, арманиву қирғизҳо, туркману литвагиҳо ва дигар халқҳои бародарии советӣ тоҷикон

низ шаҳри Ленинро аз фашистони ғаддор мудофиа кардаанд. Даҳҳо писарони диловари халқи мо дар остонаи Ленинград ҷон нисор кардаанд, аммо пои нопоки душмани шумро ба остонаи муқаддаси шаҳри Ленин нагузоштаанд. Мергани моҳир ва тирандорзи бемисоли тоҷик Тешабой Одилов дар мудофиаи шаҳри қаҳрамони Ленинград бо тирҳои нишонраси худ синаи садҳо фашистонро шикофтааст ва даҳҳо тирандозони баркамолро ба воя расонидааст.

Шоири шаҳир ва шаҳиди тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ дар хатти мудофиаи Ленинград ҳам бо аслиҳаи ҷангии худ ҳам бо ашъори оташбораш мардонавор ҷангид. Як қатор шеърҳои ҷанговаронаю ватанпарваронаи Ҳабиб Юсуфӣ дар хандақу заминканҳои хатти мудофиавии Ленинград навишта шудаанд.

Ленинград дар ҳамон айёми шадид, дар ҳолати муҳосиравӣ ҳам бо Тоҷикистони офтобии мо алоқаи узвӣ дошт. Роҳбарони партиявию советии республика, ходимони адабиёту санъати мо бо ленинградиён, бо ҳимоятгароии шаҳри қаҳрамон муттасил робитаю рафтуомад доштанд. Масалан, бо сардории раиси Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон Мунаввар Шогадоев ҳайати вакилони Тоҷикистон ба Ленингради муҳосиравӣ рафта, эшелони махсуси озуқаву пӯшок бурда буданд. Дар ин сафар М. Шогадоевро шоир ва драматург Абдусалом Деҳотӣ, аввалин пионери ордени Лениндор Мамлакат Наҳангова ва дигарон ҳамроҳӣ карда буданд.

Васфи Ленинград - яке аз мавзуъҳои муҳими шоирону нависандагони тоҷик ҳисоб меёбад. Асари устод Айнӣ «Қаҳрамон Ленинград» ба воқеаҳои давраи ҷангии Ленинград бахшида шуда бошад, асарҳои лирикии А. Лоҳутӣ, М. Раҳимӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, С. Ҷавҳаризода ва дигарон соҳаҳои гуногуни ҳаёти ленинградиҳоро дарбар гирифтаанд.

Абулқосим Лоҳутӣ зоҳиран ҳангоми иштирок дар конференсияи илмии Ленинградоид ба омӯзиши қувваҳои

истеҳсолии Тоҷикистон шеъре таълиф кардааст, ки он «Гуфтугӯи ду шаҳр» ном дорад.

Дар қисми дуюми шеър, ки он «Аз Ленинград ба Сталинобод» номида шудааст, кӯмаки бародарона ва ёрии беғаразонаи Ленинград, алалхусус ҳамкории олимони ленинградӣ ба тоҷикон ва пойтахти республика хеле хуб баён ёфтааст. Чунончи:

*Мо лашкари олимони шӯроӣ,*
*Дар сояи иттифоқу доноӣ.*
*Аз саҳнаи илм сар бурун орем,*
*В-аз синаи кӯҳ зар бурун орем.*
*Аз мо, зи ҳиҷоби кон зари тоҷик,*
*Озод шавад, чун духтари тоҷик.*
*Мо ҳар ду сипоҳи сотсиализмем,*
*Иҷрокуни маслаки ленинизмем.*

М. Раҳимӣ моҳи марти соли 1943 қасидаи «Ленинградимани ман»-ро таълиф мекунад, ки он дар адабиёти советии тоҷик яке аз беҳтарин асарҳо оид ба Ленинград ҳисоб меёбад. Шоир меҳру муҳаббати поки тоҷиконро ба ин «баҳодур - шаҳри озодӣ» бо ҳиссиёту рағбат чунин ифода намудааст:

*Ба фирӯзӣ, ту эй Ленинград,*
*машҳури дунёӣ*
*Чу иду офтобу рӯзҳои оламороӣ*
*Баҳодур - шаҳри озодӣ*
*Дар ин ҷанги ҷаҳонӣ ҳам*
*Ба хасмон заҳри ғам додӣ,*
*ба ёрон дасти ёроӣ.*

Ленинград барои Россия даричае буд, ки ба тарафи Аврупо Петри Кабир кушодааст. Қимати беҳамтои сиёсӣ, таърихӣ ва иқтисодии ин шаҳрро дар таърихи Россия ҳоҷат ба баён нест. Ин ҳам равшан аст, ки ба тавассути Ленини муаззам Ленинград сароғози тамоми таърихи нав, олами бесинфии коммунистӣ гардид; Ленинград ба чунон дарича табдил ёфт, ки аз он Офтоби адолат ва озодӣ ба тамоми рӯи замин тофт, ҳоло партави ин офтоб дурдасттарсин ва тиратарин гӯшаи оламро ҳам мунаввар менамояд.

Ленинград шефи Тоҷикистони офтобии мост. Дар бисёр соҳаҳои ҳаёти халқи тоҷик ёрии бародаронаи Ленинград мерасад. Ин ҳам як рамзи дилпазир аст, ки агар Тоҷикистон дар солҳои сиюм бо Канали Калони Ҳисор, Канали Вахш, Канали Калони Фарғона барин иншоотҳои бузурги обӣ ном баровarда бошад, дар нимаи дуюми асри XX бо силсилаи стансияҳои электрикӣ, махсусан бо стансияи азими Норак шӯҳрати тоза ёфтааст. Ҳам дар нақшаю лоиҳаҳои ин иншоотҳо, ҳам дар асбобу лавозимоти онҳо ва ҳам дар сохтмони онҳо аз коргарони одии Ленинград сар карда, то инженерону олимони ин шаҳр фаъолона ҳисса гузоштаанд ва ҳисса гузошта истодаанд. Тамоми соҳаҳои ҳаёти гул-гулшукуфони имрӯзаи Тоҷикистон бо Ленинград ва ленинградиҳо алоқаи узвӣ ва ҷудонашаванда дорад.

Тоҷикон ба Ленинград ва ленинградиҳо меҳру муҳаббати пок доранд, шукӯҳу иқболи боз ҳам баландтари онро муттасил орзу мекунанд.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**досент.**
**Х. АСОЕВ**